«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.**

**________________________**

**«__15__» ___02___2024 с.**

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Унвонҷӯи соли 2018 шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда, ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Мавзуи диссертатсияи ӯ бо Қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021 таҳти №7 (20-21) тасдиқ шудааст. Роҳбари илмӣ Назаров Аваз Қувватович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад**, ки санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса яке аз амалҳои мурофиавӣ ва усули криминалистикӣ ба ҳисоб рафта, тавассути он далелҳои ҷамъовардашуда аз рӯйи нишондоди шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда ва айбдоршаванда

дар маҳалли ба вуқӯъ омадани ҳодисаи «ҷиноят» таҳти санҷиш қарордошта, анҷом дода мешавад. Санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳамчун амали мустақили тафтишӣ дар моддаи 207 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикиситон муқаррар шудааст, ки мутобиқи он “нишондоди гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида ва шоҳид мумкин аст дар ҷое, ки ба ҳодисаи тафтишшаванда вобаста аст, барои муқаррар намудани маълумоти нави воқеӣ, нишон додани хатти сайр ва ҷойҳое, ки амали тафтишшаванда содир карда шудааст, ҳамчунин барои муайян намудани эътимоднокии онҳо бо роҳи муқоиса бо вазъи ҳодиса тафтиш ё аниқ карда шаванд”. Моҳияти тафтиши санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар нишон додани маҳалли муайяни бо ҳодисаи ҷиноятии тафтишшаванда алоқаманд аз тарафи шахсе, ки дурустии маълумотҳои ӯ тафтиш карда мешавад, иборат аст. Ҳамчунин зимни санҷидани ҳодисаи дар он он маҳал бавуқуъомада, таҳлили маҳал ва муқоисакунии маълумотҳои бадастомада бо вазъи воқеии он ифода меёбад.

Дар рисола зикр карда шудааст, ки тафтиши санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар худ як қатор амалҳои тафтиширо дар бар гирифта, хусусияти ба худ хосси тактикиро доро мебошад. Дар таҷриба ҳолатҳое, ба вуҷуд меояд, ки пурсишшаванда ҳангоми санҷидани нишондодаш дар ҷойи ҳодиса аз нишондоди қаблии худ худдорӣ мекунад ва ё ба таври қатъӣ тағйир медиҳад: а) субъекти тафтишшаванда вазъияти воқеии маҳалли содиршавии ҳодисаро намедонад ва маълумотҳои бофтае медиҳад, ки ба санҷидани он дар ҷойи ҳодиса мувофиқат намекунанд; б) пурсишшаванда ҳангоми пурсиш нишондоди воқеӣ медиҳад, вале дар шакли нопурра, баъд аз ҳозир намудани ӯ ба ҷойи ҳодиса бо мушоҳида намудани он маротибаи дуюм ба хотирааш маълумотҳои наве пайдо мешавад, ки қаблан пешниҳодкардаашро пурра менамояд; в) дар лаҳзаи санҷиши нишондод ҷойи ҳодиса шахс кадом як тасаввуроти хешро ба роҳбарӣ гирифта, маълумотҳои саҳеҳи қаблан додашударо ба бардурӯғ иваз менамояд.

Санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ба чунин амалҳои тафтишӣ, ба монанди нишон додан барои шинохтан, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бо иштироки гумонбаршуда (ҷабрдида), пурсиши ӯ дар ҷойи мазкур ва таҷрибаи тафтишотӣ монанд мебошад. Вале бояд қайд намуд, ки амали нишон додан барои шинохтан бо изҳороти субъект дар бораи он ки вай объекти ба ӯ пешниҳодшавандаро аз байни гурӯҳи (ашё ё ашхосси) якҷинса интихоб намуда, аз рӯйи нишонаҳои қаблан гуфташуда мешиносад (ё намешиносад), ба анҷом мерасад.

Санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса таҷдиди ҳатмии вазъиятро талаб наменамояд, масъаларо ҳал намекунад, ки ин ҳодиса метавонист ё наметавонист бо чунин ҳолат ба вуқӯъ ояд, барои таҷрибаи тафтишотӣ чӣ хос мебошад, балки танҳо онро дақиқ мекунад, ки он дар куҷо, кай ва чи гуна мувофиқи инишондоди тафтишшаванда, ба вуқӯъ омадааст. Илова бар ин, таҷриба метавонад бе иштироки шоҳид ё айбдоршаванда дар он гузаронида шавад, ки барои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса қобили қабул нест. Омехтакунии тафтиш бо таҷрибаи тафтишотӣ мантиқан ба инкоркунии тағйирот дар ҳолати маҳалли гузаронидани он оварда мерасонад, ки ба принсипҳои пешбурди амалҳои таҷрибавӣ мухолифат менамояд. Хусусияти ба худ хосси тактикии тафтиши нишондодҳо дар маҳал инчунин танзимкунии махсуси мурофиавиро талаб мекунад. Ба ташаббускорӣ ва ихтиёрӣ будани амали шахсе, ки нишондодҳои ӯ тафтиш карда мешаванд, ба таври ҳатмӣ бояд диққат дода шавад.

Муаллиф зикр мекунад, ки санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷинояти одамкушӣ то андозае барои васеъ намудани доираи иттилоот дар бораи ҳодисаҳои баамаломада имконият медиҳад. Бинобар ин, маълумотҳое, ки дар рафти амали тафтишии баррасишаванда шахс хабар медиҳад, бояд дар протокол ба таври муфассал ва пурра ворид карда шаванд.Тамоми саволҳо ва дастурҳои муфаттиш дар протокол аз номи шахси сеюм, тавзеҳот ва нишондоди шахси пурсишшаванда бошад – аз шахси якум сабт карда мешаванд.

Нишондоде, ки аз тарафи пурсишшаванда тавассути имову ишора дода мешавад, ба тафсил тавре, ки дарки мазмуни онҳо имконпазир бошад, тасвир карда мешаванд.Ҳар чӣ қадаре протокол рафти амали тафиширо пурра инъкос намояд, ҳамон қадар алоқамандии нақл дар бораи ҳодисаҳои баамаломада бо нишон додани ҷойҳои алоҳида ва ашёҳои дар ҷо мавҷудбуда дақиқ тасвир карда мешавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафҳои мазкур ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

– таҳқиқоти инкишоф ва ташакули падидаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳамчун амали мустақили тафтишӣ;

– муқаррар кардани мақсад ва вазифаҳои асосии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба парвандаҳои ҷинояти одамкушӣ;

– муайян намудани усулҳои гузаронидани санҷиши ношондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ;

– муайян намудани усулҳои равонии истеҳсоли санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷинояти одамкушӣ;

– муқаррар намудани хусусияти хоси дарҷ кардани ҷараён ва натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷинояти одамкушӣ;

– омӯзиши масъалаҳои тартиб додани протоколи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ;

– таҳқиқоти истифодаи аксбардорӣ, наворбардорӣ, филмбардорӣ ва сабти овоз дар ҷараёни санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса;

– таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба баҳодиҳии натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ва истифодаи онҳо дар исботкунӣ аз рӯйи парвандаи ҷинояти одамкушӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** таҳқиқотҳои илмӣ дар криминалистика, мурофиаи ҷиноятӣ, равонӣ, ки дар осори Т.В. Аверянова, В.А. Азаров, О.Я. Баев, Р.С. Белкин, В.М. Биков, Н.М. Букаев, А.Н. Василев, В.Л. Василев, Л.С. Виготский, Т.С. Волчетский,

С.Э. Воронин, В.К. Гавло, И.Ф. Герасимов, Л.Я. Драпкин, А.В. Дулов, С.В. Землюков, Г.А. Зорин, Е.П. Ишенко, Л.Л. Каневский, В.Н. Карагодин, Д.В. Кима, Г.А. Кокурин, В.Я. Колдина, И.М. Комарова, В.Е. Коновалова ифода ёфтаанд, хизмат намудаанд.

Ба сифати асоси назариявии диссертатсия, инчунин таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи криминалистика, мурофиаи ҷиноятӣ ва равонӣ, ки дар осори олимони дигар ифода ёфтаанд хизмат намуданд.

**Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро** усулҳои диалектикӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисави-ҳуқуқӣ, оморӣ ва дигар методҳои умумӣ ва махсуси илмӣ истифода шуданд.

Дар ҷодаи таъмини эътимоднокии хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои унвонҷӯ усулҳои умумии мантиқӣ, ба монанди таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия ва қиёс истифода шудаанд.

**Навгонии илмии рисола** дар он ифода меёбад, ки унвонҷӯ кори илмӣ-тахассусиеро омода кардааст, ки дар он дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда маҷмӯи ақидаҳои нави илмӣ, хулосаҳо ва муқаррарот оид ба санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ ва самтҳои ҷудогонаи фаъолияти тафтишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро бо боварии том метавон ҳамчун таълимоти мустақили криминалистики арзёбӣ намуд. Навгонии илмӣ, инчунин дар ҷудо гардидани мақсади равонӣ-ҳавасмандгардонии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷинояти одамкушӣ зоҳир мегардад, ки дар мафҳуми тасвиятёфтаи ин амали тафтишӣ инъикос меёбад.

**Оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия** аз ҷониби муаллиф 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 1 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр шудаанд, аз он ҷумла:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Ахмадзода, М.С. Криминалистическая тактика проверки показаний на месте [Текст] / М.С. Ахмадзода // Государствоведение и права человека. – 2021. – №2 (22). – С. 239-245; ISSN 2414 9217.

**[2-М].** Аҳмадзода, М.С. Бақайдгирии натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса: ҷанбаҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ ва криминалистӣ [Матн] / М.С. Аҳмадзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №2 (50). – С. 165-169; ISSN 2410-2903.

**[3-М].** Назаров, А.Қ., Аҳмадзода, М.С. Натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса аз рӯйи парвандаи ҷиноятии одамкушӣ [Матн] / А.Қ. Назаров, М.С. Аҳмадзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №3 (59). – С. 81-87; ISSN 2412-141X.

**[4-М].** Аҳмадзода, М.С. Усулҳои тактикии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ [Матн] / М.С. Аҳмадзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №3 (59). – С. 148-155; ISSN 2412-141X.

**[5-М].** Аҳмадзода, М.С. Инкишофи тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар назарияи илми криминалистика [Матн] / М.С. Аҳмадзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №8. – С. 276-283; ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Аҳмадзода, М.С. Мафҳуми хатогиҳои тафтишӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / М.С. Аҳмадзода // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Тоҷикон дар оинаи таърих», бахшида ба 115-солагии академики АИ ИҶШС Б. Гафуров» (27 октябри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 40-43.

Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф дар умум тамоми ҷанбаҳои таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро доир ба мавзӯи одатҳо дар муомилоти маданӣ гузаронидашударо дар бар мегиранд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз таҳлили назариявӣ-консептуалии тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ, мақсад ва хусусиятҳои хоси он иборат аст. Диссертатсия дар сатҳи зарурӣ низоми донишҳои илмиро дар бораи тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ дар давраҳои гуногуни мурофиаи судии ҷиноятӣ, хусусиятҳои модели ватании тафтишоти ҷиноят мукаммал намуда, инчунин ҳалли як қатор проблемаҳои бунёдии илми криминалистикаи миллиро пешниҳод менамояд. Муқаррароти консептуалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории Тоҷикистон, ки масъалаҳои асосии Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣро танзим мекунанд, инъикос ёфтааст. Як қатор пешниҳодҳо ва тавсияҳои унвонҷӯ оид ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар ҷодаи муайян намудани самтҳои афзалиятноки азнавсозии он аҳаммияти дахлдори кам надоранд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои коркардшуда метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар амалияи судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва ҳимояи ҳуқуқ, дар фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар таҳлили минбаъдаи проблемаҳои гуногуни тафтишотӣ, дар раванди таълимии муассисаҳои олии таълимии равияи ҳуқуқӣ дар омӯзиши фанҳои дахлдор, курсҳои махсус, дар рафти такмили ихтисос ва бозомӯзии прокурорҳо, муфаттишҳо ва таҳқиқбарандагон истифода шаванд.

**Саҳми шахсии муаллифи** рисола бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

тасдиқ карда мешавад. Дар баробари ин, услуби навиштан, ҳалли масъалаҳо ва услуби рисола саҳми шахсии муаллифи рисоларо инъикос менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33 -35, 37 - уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди криминалистика ва мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди қонунгузории мурофиавӣ дар кишвар мубрам мебошад.

Ҳамин тавр, аз руи ҳолатҳои болозикр, кафедра чунин Қарор қабул намуд:

1. Диссертатсияи Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба талаботҳои бандҳои 31 - 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси номбаршуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 11 нафар, “зид” - 0 нафар, “бетараф” - 0 нафар.

Суратмаҷлис аз 12 феврали соли 2024, № 8

Раискунандаи ҷаласа:
профессори кафедраи криминалистика
ва фаъолияти экспертизаи судии
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
н.и.ҳ., Ямоқова З.Д.

Котиби ҷаласа:
н.и.ҳ., дотсент Шарипов С.С.

Имзои Ямоқова З.Д., ва Шарипов С.С.,-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.
12.02.2024

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ-17;
734025; Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj